# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Тадқиқоти ҳаматарафа ва амиқи масъалаи мазкур дар ҳар ду забон аҳаммияти назариву амалии назаррас дорад, чунки оид ба ин масъала алъон асарҳои илмии алоҳида ҷиҳати баррасии муқоисавии мавзуи мазкур дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, алалхусус ба забони давлатӣ, ба чашм намерасанд.

Ҷумлаҳои мазкур вобаста ба хусусиятҳои интенсионаливу нақшӣ, вазифа, ҷузъиёти таркибӣ, семантикӣ ва баъзе ҷиҳатҳои тафовутнок ва шабеҳи онҳо тасниф ва мураттаб карда шудаанд. Ҳамчунин, фарқи байни ҷумлаҳои унвонӣ аз дигар намудҳои ҷумлаҳои бефеъл батафсил баён карда шуда, дар ҳамин замина, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои бефеъл ва ҷумлаҳои нопурра муқоиса ва бо далелҳо шарҳу тафсир карда шудаанд. Зимни ин муқоиса намудҳои нави созмонӣ ва нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ ва бефеъл маълуму мушаххас гардида, қолабҳои нави ҷумласозии ҷумлаҳои унвонӣ дар ҳар ду забони мавриди муқоиса дарёфт карда шудаанд. Мақому мавқеи нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар низоми ҷумлаҳои номии забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд. Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта дар омӯзиши ҳодисаҳои шабеҳи ин масъала дар забонҳои гуногунсохт истифода шаванд. Натиҷаҳои кор, инчунин, чун сарчашмаи илмӣ барои иншои рисолаҳои хатму магистрӣ ва диссертатсияҳову мақолаҳои илмӣ аз аҳамият холӣ нахоҳанд буд.

Рисолаи муҳақиқ аз муқаддима, 2 боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафҳо ва вазифаҳо, навоварии кори илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии диссертатсия, дараҷаи муътамадӣ ва санҷиши натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил кардааст.

Дар боби аввали диссертатсия "Масъалаҳои умумии назарии тадқикоти ҷумлаҳои унвонӣ дар доираи ҷумлаҳои яктаркиба дар забоншиносӣ" масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқот онҳоро муҳаққиқ ба асос гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони "Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои таркибӣ ва нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" мавқеи ҷумлаҳои унвониро дар низоми ҷумлаҳои яктаркиба муайян намуда, хусусиятҳои грамматикӣ ва нақшиву маъноии онҳоро дар забони англисӣ ва тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Маълум аст, ки кори илмие дар чунин шакл бо дарбаргирии маълумоти зиёд ва сарчашмаҳои бешумор, инчунин аз камбудиҳо холӣ нахоҳад буд. Дар поён ба чанд камбудиҳои автореферати рисолаи **Мавлонов Шаҳзод Олимовичро** ишора мекунем, ки ислоҳи онхо дар оянда боиси хуб гардидани сифати илмии таҳқиқот мегардад:

1. Хуб мешуд, агар баъзе аз манбаъҳо дар поварақ оварда мешуд;
2. Дар матни русии автореферат ҷо - ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасанд.

Эродҳои қайдшуда характери ҷузъӣ дошта, арзиши илмии автореферати диссертатсияи барои химоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ ҷамъбасти хулосаҳои таҳқикро пешниҳод намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо додааст.

Автореферати диссертатсияи Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи "Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва

тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз: номзади илми филология,
омӯзгори кафедраи забонҳои Донишгоҳи
давлатии тиббии Хатлон Асоев Ҷомӣ Хайруллоевич

Имзои Асоев Ҷ.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
давлатии тиббии Хатлон Асоев Саидмуҳаммад Парвизович

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
имзо
«11» 09 с. 2021

**Суроға:** 735320 н. Дангара, кӯчаи Исмат Шариф, 3
Тел.: (83312) 21035
www.khatmedun.tj
Телефон: 987-60-80-02;
Email:: asoevjomi986@gmail.com